**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Селексияи дарахтони мевадиҳанда ин аз навъомузӣ оғоз мегардад. Навъҳои интродуксионие, ки имрӯзҳо дар шароитҳои гуногуни ҷумҳурӣ парвариш ёфта истодаанд, вобаста ба ҳосилнокии баландашон дар таъмини амнияти ғизоии кишвар саҳми назаррас доранд.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ба вуҷуд овардани навъҳои нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукамалгардонии технологияи бунёди боғҳо бо тарзи замонавӣ мебошад.

Дар аксарияти минтақаҳои боғдории ҷумҳурӣ навъҳои нави олу барои парваришаш мувофиқ аст, чун ки маҳсулоташ дар шакли тару тоза, хушк ва коркарди саноати хӯрокворӣ на танҳо дар бозори дохилӣ, балки барои содирот мавқеи худро васеъ карда истодааст.

Мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсияи мазкур ба омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ҷиҳати истифодабарии навъҳои навъ дар соҳаи селексия ва истеҳсолот равона карда шудааст, ки ин мубрамии тадқиқотӣ унвонҷӯ баҳисоб меравад.

Навгонии мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки гузариши марҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобқшавии 8 навъи нави интродуксионии олу дар шароити агроэкологии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян карда шудааст. Инчунин устувории навъҳо ба касалиҳои асосии занбуруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии мева ва самарнокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити минтақа амалӣ карда шудаанд.

Аҳамияти тадқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои нави ояндадори дорои хусусиятҳои хос ва хушсифати олу мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави олу вобаста аз сифати моли дошта, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокии навъҳо муайян карда шудааст.

Зимни гузаронидани тадқиқотҳо унвонҷӯ Фозилов Ҷ.Д. навъҳои интродуксионии олуи “Кабардинская ранняя», «Блю фри» ва «Стенлей», ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳо

бартарӣ доштанд, ҳамчун навъҳои дурнамо ба истеҳсолот пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои помологии меваи тару тозаи 8 - навъҳои нави интродуксионии олу, онҳоро ба гуруҳҳо ҷудо намуда, навъҳое, ки ҳамчун навъи ояндадаор интихоб гардидаанд, ба таъми аъло навъҳои «Кабардинская ранняя» (5-аъло), Блю фри» (5-аъло), «Стенлей» (5-аъло) баҳогузорӣ намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқот аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ дошта, хулоса ва тавсияҳои пешниҳод намудаи муаллиф асоснок будани натиҷаҳои тадқиқотро нишон медиҳад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти гузарондашударо ифода намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси
06.01.05-Селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ, омӯзгори кафедраи
биология ва методикаи таълимии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ Намозов А.К.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел: (+992)987-60-60-46,
E-mail:amonullo.2015@mail.ru

Имзои А.К. Намозов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рудакӣ М.А. Давлатов

Суроғаи муассиса:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, Кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел: (+992 - 33) 222-35-06; 222-35-09,
E-mail:somona@kgu.tj

12-уми декабри соли 2025